*Конститутсия - кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун*

# САДОИ МАРДУМ

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | № 10 (4750) | ҶУМЪА, 19 ЯНВАРИ СОЛИ 2024 | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад



## ҶАЛАСАИ ШУРОИ АМНИЯТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**19-уми январи соли 2024 таҳти раёсати Раиси Шурои амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷаласаи Шурои амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид.**

Дар ҷаласаи Шурои амният Президенти мамлакат таъмини амнияту субот, волоияти қонун, тартиботи ҳуқуқӣ ва мубориза бар зидди ҷинояткориро дар кишвар, аз ҷумла дар вилояти Хатлон, ҳаматарафа баррасӣ намуданд.

Дар ин замина, ба талабот ҷавобгӯ набудани сатҳи иҷрои қонунгузории замин, пешгирӣ ва мубориза бар зидди ҷиноятҳои террористию экстремистӣ, муомилоти ғайриқонунии маводи нашъадор ва қочоқи он, ҷиноятҳои муташаккили фаромиллӣ, ҷиноятҳои коррупсионӣ ва иқтисодии хусусияти коррупсионидошта ва дигар ҷиноятҳои барои ҷомеа хавфнок зикр гардид.

Президенти мамлакат аз камбудиҳои ҷиддӣ дар фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, назоратӣ ва сохторҳои низомӣ мисолҳои мушаххас оварданд. Қайд гардид, ки роҳбарони мақомоти мазкури вилоятӣ, минтақавӣ ва якчанд шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон дар иҷрои вазифаи хизматӣ ба бемасъулиятӣ роҳ додаанд.

Сатҳи пасти касбӣ, ноуҳдабароӣ нисбат ба иҷрои вазифаҳои хизматӣ, роҳ додан ба ҳолатҳои коррупсионӣ, зиёд шудани ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистию террористӣ, қочоқи маводи мухаддир, даст задани баъзе кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, назоратӣ ва сохторҳои низомӣ ба қочоқи маводи нашъаовар ва молу маҳсулот, ба кор қабул кардани шахсони тасодуфӣ ва ғайрикасбӣ дар сафҳои мақомот, интихобу ҷобаҷогузории нодурусти кадрҳо аз ҷониби роҳбарони мақомот аз масъалаҳои муҳиме буданд, ки дар ҷаласаи Шурои амният мавриди муҳокимаи ҷиддӣ қарор гирифтанд.

Дар робита ба ҳолатҳои зиёди қонунвайронкунӣ, риоя нагардидани талаботи қонун ва оинномаҳои ҳарбӣ Президенти мамлакат ба роҳбарони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ супориш доданд:

- сардори раёсати Вазорати корҳои дохилӣ дар вилояти Хатлон ва муовинони ӯ, сардори шуъбаи Вазорати корҳои дохилӣ дар шаҳри Кӯлоб, сардорони шуъбаи Вазорати корҳои дохилӣ дар шаҳри Бохтар ва ноҳияи Кӯшониён, сардори раёсати Вазорати корҳои дохилии вилояти Хатлон дар минтақаи Кӯлоб, сардорони баъзе раёсатҳои дастгоҳи марказии Вазорати корҳои дохилӣ аз вазифа озод карда шаванд;

- прокурори вилояти Хатлон ва муовинони ӯ, сардорони баъзе аз раёсатҳои Прокуратураи генералӣ ва прокуророни якчанд шаҳру ноҳияҳо аз вазифаашон озод карда шаванд;

- сардори гурӯҳи фаврии раёсати Кумитаи давлатии амнияти миллӣ дар вилояти Хатлон, сардори гурӯҳи фаврии ноҳияҳои минтақаи Кӯлоб ва сардорони якчанд раёсатҳои дастгоҳи марказии Кумитаи давлатии амнияти миллӣ аз вазифа озод карда шаванд;

- сардори раёсати Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия дар вилояти Хатлон ва муовинони ӯ, сардори шуъбаи Агентии назорати давлатии молиявӣ дар шаҳру ноҳияҳои минтақаи Кӯлоб ва сардори раёсати назорати субъектҳои хоҷагидорӣ, лоиҳаҳои сармоягузории Агентӣ бо супориши Президенти мамлакат аз мақомот озод карда шаванд;

- сардорони якчанд раёсати Агентии назорати маводи нашъаовар низ аз вазифа озод карда шаванд.

Инчунин, ба вазири мудофиа ва фармондеҳи Қӯшунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллӣ супориш дода шуд, ки командирони қисмҳои низомиеро, ки ба камбудию қонунвайронкунӣ роҳ додаанд, аз вазифа озод карда, ҷиҳати бартараф намудани ҳама гуна ҳаракатҳои ғайриоинномавӣ чораҳои қатъӣ андешида, аз натиҷааш ба таври хаттӣ дар муддати 10 рӯз ҳисобот диҳанд.

Президенти мамлакат ба масъалаи аттестатсия - санҷиши хизматии кормандони Бозрасии давлатии автомобилии Вазорати корҳои дохилӣ таваҷҷуҳ зоҳир намуда, супориш доданд, ки воҳидҳои кории мақомоти мазкур 30 фоиз ихтисор карда шавад.

Ба роҳбарони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, назоратӣ ва сохторҳои низомӣ супориш дода шуд, ки дар муддати даҳ рӯз ҷиҳати ҷобаҷогузории дурусти кадрҳо аз ҳисоби кормандони болаёқат, кордон, соҳибтаҷриба ва масъулиятшинос чораҳои фаврӣ андешанд.

Оид ба ҳамаи масъалаҳои дар ҷаласаи Шурои амният муҳокимагардида қарорҳои дахлдор қабул гардид.

**www.prezident.tj**



## ФАРМОНИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи ихтисори воҳидҳои кории Бозрасии давлатии автомобилии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Бо мақсади таъмини самаранокии фаъолияти Бозрасии давлатии автомобилии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

1. Воҳидҳои кории Бозрасии давлатии автомобилии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон 30 дарсад ихтисор карда шаванд.

2. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон санадҳои худро ба фармони мазкур мутобиқ намоянд.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 19 январи соли 2024, № 690**

Ҳамовозӣ ба Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

## РОҲНАМОЕ, КИ МАРДУМ ҲАР СОЛ ИНТИЗОРАНД

**Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун ҳуҷҷати раҳнамунсоз шинохта шудааст. Имсол он бо таҳлили амиқи соли сипаришуда ва мушаххас намудани самтҳои асосии фаъолият дар солҳои минбаъда аз ҷониби аҳли ҷомеаи кишвар ҳамовозии бештар пайдо кард.**

Роҳбари давлат дар оғоз аз пешравиҳо ёдовар шуда зикр карданд, ки соли 2023 дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷомеа пешравиҳои назаррас ба даст омада, маҷмӯи маҳсулоти дохилии кишвар нисбат ба соли гузашта 8,3 фоиз зиёд гардид ва ба беш аз 130 миллиард сомонӣ расида, қисми даромади буҷети давлатӣ 102,5 фоиз таъмин гардида, барои иҷрои уҳдадориҳои иҷтимоӣ ва рушди соҳаҳои иқтисодию иҷтимоии кишвар тадбирҳои мушаххас андешида шуд. Ба ин мақсад аз ҳисоби буҷети давлатӣ беш аз 40 миллиард сомонӣ равона шуд, ки нисбат ба соли 2022-юм 5,3 миллиард сомонӣ зиёд мебошад.

Президенти кишвар изҳор доштанд, ки дар ин давра даромади пулии аҳолӣ 3,3 баробар афзоиш ёфта, аз 37,2 миллиард сомонии соли 2017 ба 112,7 миллиард сомонӣ дар соли 2023 расид. Музди миёнаи меҳнат беш аз 2 баробар ва андозаи нафақаи ниҳоӣ 1,9 баробар зиёд гардид.

Бо вуҷуди болоравии нархҳо дар бозори ҷаҳонӣ солҳои охир дар кишвар сатҳи таваррум муътадил нигоҳ дошта шуда, соли 2023-юм 3,8 фоизро ташкил намуд.

Дар натиҷаи амалисозии тадбирҳои зикргардида сатҳи камбизоатӣ аз 29,5 фоизи соли 2017 то 21,2 фоиз дар соли 2023 коҳиш дода шуд.

Ин нуктаҳое, ки Президенти ҷумҳурӣ дар Паёмашон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон зикр карданд, воқеан, аз сатҳи рушди мунтазами соҳаҳои иқтисодию иҷтимоии кишвар шаҳодат медиҳад. Дар шароити пуртазоди ҷаҳони имрӯза на ҳар давлат имкони дар чунин сатҳ рушд карданро дорад.

Президенти кишвар бо мақсади идома додани ин раванд ба Ҳукумати мамлакат супориш доданд, ки ҷиҳати дар ҳафт соли минбаъда то ба 10 фоиз

**Мақсудалӣ УМАРАЛИЗОДА,**
**узви Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

паст кардани сатҳи камбизоатӣ чораҳои мушаххас андешанд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зикр карданд, ки Ҳукумати мамлакат рушди бахши хусусӣ, соҳибкорӣ ва сармоягузориро дар «Стратегияи миллии рушд барои давраи то соли 2030» ҳамчун воситаи асосии ноил шудан ба ҳадафҳои миллӣ муайян кардааст ва ҷиҳати фароҳам овардани шароити мусоид барои пешбурди фаъолияти соҳибкорию сармоягузорӣ, барои сармоягузорӣ ҷолиб гардондани иқтисодиёти кишвар ва ба содирот нигаронидани он пайваста чораҷӯӣ менамояд.

Дар натиҷаи тадбирҳои амалигардида шумораи субъектҳои соҳибкорӣ дар 7 соли охир аз 62 ҳазор ба 350 ҳазор баробар гардида, дар ин давра аз ҷониби соҳибкорони кишвар беш аз 2 ҳазор корхонаю коргоҳҳои истеҳсолӣ бо 21 ҳазор ҷойи корӣ, 1380 иншооти соҳаи маориф, 1213 муассисаи тандурустӣ, 11,5 ҳазор километр роҳ ва 461 пул бунёду навсозӣ шуд.

Пешвои миллат Ҳукумати мамлакат ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатиро вазифадор карданд, ки барои баланд бардоштани шаффофият, боз ҳам беҳтар гардондани фазои соҳибкорию сармоягузорӣ ва бартараф кардани монеаҳои маъмурию сунъӣ дар ин самт тадбирҳои сариваҳтӣ андешанд ва ташаббусҳои соҳибкоронро ҳаматарафа дастгирӣ намоянд.

Роҳбари давлат бахши сармоягузориро таҳлил намуда аз ҷумла, зикр карданд, ки дар ҳафт соли охир ба кишвар беш аз 95 миллиард сомонӣ сармояи хориҷӣ ворид гардидааст, ки зиёда аз 30 миллиард сомонии он сармояи мустақим мебошад.

Президенти кишвар соҳаи саноат ва инноватсияро яке аз манбаъҳои муҳимтарини рушди минбаъдаи кишвар арзёбӣ намуда, изҳор доштанд, ки пешрафти он имкон медиҳад сарчашмаҳои иловагии даромади буҷети давлатӣ пайдо гардад ва барои аҳолӣ ҷойҳои нави корӣ фароҳам шавад.

**(Давомаш дар саҳ. 2)**

## МУАРРИФИИ ЭЛЕКТРОБУСҲО ВА ИФТИТОҲИ МУАССИСАИ ТОМАКТАБӢ



**18-уми январи соли 2024 Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ дар муаррифии 30 электробуси нав ва ифтитоҳи Муассисаи томактабии хусусии «Ахтарак» дар пойтахт иштирок намуданд.**

Электробусҳои тамғаи «Акиа НЕРУ» истеҳсоли Корхонаи муштараки «Акиа Авесто Автоматив Индастри»-и Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, тибқи стандартҳои аврупоӣ истеҳсол гардидаанд.

Ин нақлиёт 12 метр дарозӣ ва 32 ҷойи нишаст дошта, ғунҷоиши мусофирон то 100 нафарро ташкил дода, муҷаҳҳаз бо таҷҳизоти гармидиҳӣ ва хунуккунанда, 6 камераи назоратӣ, 2 экрани маълумотдиҳанда мебошад.

Бояд гуфт, ки бо ташаббуси Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ дар 6 соли охир парки нақлиётии корхонаҳои коммуналии шаҳр пурра бо автобусҳои замонавӣ, дар маҷмӯъ, 410 адад аз корхонаи ватанӣ, таъмин гардидаанд.



Иттилоъ дода шуд, ки нерумандии батареяҳои электробус 350 кВт-соат буда, иқтидори ҳаракати автономиаш ба 300 км баробар мебошад. Кафолати батареяҳо ва дигар қисмҳои барқии электробус 600 ҳазор километр ё 8 солро ташкил медиҳад.

Ҷиҳати ҳамарӯза бо барқ таъмин намудани воситаҳои нақлиёт дар Корхонаи коммуналии воҳиди давлатии «Автобус-1» нуқтаи барқтаъминкунии замонавӣ барои 30 электробус бунёд гардида, барои истифода пурра омода мебошанд.

**18-уми январи соли равон, ҳамчунин, Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ дар хиёбони Нусратулло Махсуми ноҳияи Синои шаҳри Душанбе Муассисаи томактабии хусусии «Ахтарак»-ро мавриди баҳрабардорӣ қарор доданд.**



Зимни шиносоӣ ба Раиси шаҳри Душанбе иттилоъ дода шуд, ки масоҳати умумии иншоот 4000 метри мураббаъро ташкил дода, аз таҳхона ва се ошёна иборат аст. Муассисаи мазкур барои ба тарбия фаро гирифтани 200 кӯдак дар 10 гурӯҳ пешбинӣ гардида, 26 нафар соҳиби ҷойи кори доимӣ мегарданд. Муассисаи замонавӣ дар партави дастуру ҳидоятҳои Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳри Душанбе бунёд гардида, дар он тарбияи кӯдакон мутобиқ ба талаботи имрӯза ба роҳ монда мешавад.

Бинои мазкур дорои ошхона бо 70 ҷойи нишаст, анбор барои нигоҳдории маҳсулоти хӯроквcovорӣ, ҳуҷраи ҷомашӯӣ, толори варзиш, гимнастикаи бадеӣ, синфхонаҳои таълимӣ, аз ҷумла, забони англисӣ, арифметикаи зеҳнӣ, толори мусиқӣ, машғулият, ҷойҳои хобу истироҳат, ҳуҷраҳои корӣ, маркази хизматрасонии тиббӣ ва дигар ҳуҷраҳои ёрирасон мебошад.

Раиси шаҳри Душанбе масъулинро вазифадор намуданд, ки пеш аз ҳама, ба баланд бардоштани сатҳу сифати тарбияи кӯдакону наврасон дар рӯҳияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ, таъмини шароити хуби тарбия ва риояи қоидаҳои беҳдоштии кӯдакон таваҷҷуҳи хоса зоҳир намоянд.

**АМИТ «Ховар»**

Садои мардум

19 январи соли 2024 № 10 (4750)

# Галия РАБИЕВА: «МАНЗАРАИ НБО «РОҒУН» ИФТИХОРИ МАРО БЕШТАР НАМУД»

**Галия Рабиева дуюми январи соли 1954 дар ноҳияи Рӯдакӣ таваллуд шуда, соли 1969 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии № 1-и зодгоҳ ва соли 1974 Донишкадаи политехникии Тоҷикистонро бо дипломи аъло хатм менамояд. Дар давраи фаъолияти меҳнатӣ ҷонишини раиси Шурои депутатҳои халқи ноҳияи Марказии шаҳри Душанбе (солҳои 1987-1991), сармутахассиси сектори масъалаҳои кори кумитаҳои иҷроияи Шурои депутатҳои халқи шуъбаи маъмурию ҳуқуқӣ, сармутахассис, ҷонишини мудири шуъбаи кори ташкилию инструктории мудирияти корҳои Девони вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 1991-1994), мушовири калони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои сиёсати кадрҳо (солҳои 1994-2005) ва вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 2005-2015) буд. Хабарнигори рӯзнома бо Галия Рабиева оид ба фаъолияти меҳнатиаш мусоҳиба анҷом дод, ки фишурдаи онро пешниҳоди хонандагони азиз менамоем:**



**- Нақши волидон дар таълиму тарбияи Шумо то кадом андоза назаррас аст?**

- Дар оилаи омӯзгор ба дунё омадаам. Падарам Рабӣ Муҳаммадиев, солҳои зиёд директори Мактаб-интернати ҷумҳуриявии бачагони ношунаво буд. Модарам Валентина Нурулина, дар мактаб ва баъд дар Омӯзишгоҳи ҷумҳуриявии маданияту маърифат аз фанни забон ва адабиёти рус дарс медод. Модарам ба ман китоб хондан ва дӯст доштани китобро омӯзонд. Падарам, ки муаррих буд, омӯзиш, эҳтиром ба корнамоиҳои ниёгон, урфу одат ва худшиносиро дар замирам парварид.

**- Солҳои 1969-1974 донишҷӯи Донишкадаи политехникии Тоҷикистон (ҳоло Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ) будед. Аз он давраҳои тиллоӣ ба лавҳи хотиратон чӣ боқӣ мондааст?**

- Рӯзҳои аввали донишҷӯӣ, мулоқот бо ҳамсабақон дар хотирам нақш бастааст. Устодони беҳтарин, имтиҳонҳои аввалин, иштирок дар озмуни меҳнатии донишҷӯён, акс дар тахтаи фахрӣ, таҳсил дар шаҳри Ленинград, ҳимояи диплом, пахтачинӣ дар ноҳияи Панҷро хуб дар хотир дорам.

**- 50 сол пеш Донишкадаи политехникиро интихоб кардани духтари тоҷик барои атрофиён аҷиб набуд? Барои таҳсил дар ин мактаби олӣ монеаҳо буданд?**

- Не. Фанҳои математика ва физикаро дӯст медоштам, аълохон ва дорандаи медали биринҷии олимпиадаи физика будам. Аз ин лиҳоз, маро ба мактаби тобистонаи физикаю математикаи академии шаҳри Новосибирск фиристоданд. Илова бар ин, ба гурӯҳи русӣ дохил шудам. Дар гурӯҳи мо, ки оид ба мошинҳои ҳисоббарори электронӣ тахассус ёфта буд, шумораи духтарону писарон баробар буд. Пас аз соли аввал ба мо пешниҳод карданд, ки ба гурӯҳҳои дигар тақсим шавем ё як ихтисосро якҷоя интихоб намоем. Мо, ба ғайр аз як писар, чунин ихтисосро интихоб кардем: «чархи электрикӣ ва автоматикунонии корхонаҳои саноатӣ».

**- Соли 1974 ассистенти кафедраи машинаҳои барқӣ ва муҳаррики барқии донишкадаи мазкур шудед. Чӣ ё кӣ Шуморо ангеза дод, ки таҳсилро давом диҳед?**

- Ман донишкадаро бо баҳои аъло тамом кардам, аз ин рӯ муаллимони шуъбаи хатм пешниҳод карданд, ки бо онҳо кор кунам. Аз падарам маслиҳат пурсидам, ӯ аз муваффақиятам шод буд. Дар вақти тақсим кардани холҳо аввалин шуда ман дохил шудам ва бо розигии худ маро ба кор фиристоданд.

Ҳамкасбонам дар кафедраи муҳаррикҳои электрикӣ ва машинаҳои электрикӣ - В.Ф. Юрматов, Х. Р.Содиқовро ба ёд наоварда наметавонам. Ба Б.Г. Богачкова, Т.Б. Бабаев, М.Б. Иноятов, Л. А. Ляшко, В.Г. Чекалина ва А.Ҳ. Абулфат эҳтиром дорам. Шодам, ки дар рӯзгори ман чунин шахсоне буданд, ки бо шавқу ҳавас ба касб ва хислатҳои инсониашон дар ташаккули ман кумак расонданд.

**- Соли 1987 референти калони шуъбаи илм, техника, муассисаҳои таълимии олӣ ва миёнаи махсуси мудирияти корҳои Совети вазирони РСС Тоҷикистон таъйин шудед. Оё дар фикри чунин таъйинот будед?**

- Гуфта наметавонам, ки ман дар бораи ин фикр мекардам. Бо супориши шуъбаи илми Раёсати Шурои вазирони ҷумҳурӣ ба ҷои кор омадани хатмкунандагони мактабҳои олӣ санҷида шуд. Иштироки хатмкунандагони Институти хоҷагии қишлоқро санҷидам, ба ташкилотчиёни тафтиш маърӯзаи таҳлилии ман маъқул шуд. Маро ба кор дар Дастгоҳи Шурои вазирон даъват карданд. Чунин таклифро шараф мешумурдам, вале дар он ҷо се моҳ кор кардам, чунки маро номзад ба депутатӣ пешбарӣ карданд. Депутати Совети депутатҳои халқи ноҳияи Марказӣ интихоб шудам.

**- Фаъолияти меҳнатии Шумо роҳи пурпечутоб дорад ва масъулияти бузургро талаб мекунад. Солҳои 1987-1990 ҷонишини раиси Комитети иҷроияи Совети депутатҳои халқи ноҳияи Марказии шаҳри Душанбе будед…**

- Ин шояд мушкилтарин кор дар ҳаёти ман буд. Гузашта аз ин, замони бозсозӣ буд. Вазифаҳои душворе доштам: соҳаҳои маориф, нигаҳдории тандурустӣ, маданият, дин, ҳаракати кооперативӣ, комиссияи назоратӣ (яъне, кор бо шахсоне, ки ҷазоро адо кардаанд, ёрӣ расондан ба онҳо, бо кор таъмин кардан, ҷои истиқомат), комиссия оид ба корҳои ноболиғон ва ғайра. Ин кор таҷрибаи ҳаёт ва кории маро бой гардонд, ба ман сабру тоқат, маҳорати таҳлил кардани вазъият ва ёфтани роҳи созиширо омӯзонд.

**- Мехоҳем аз давраи мушовири Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои сиёсати кадрҳо буданатон ёдовар шавед.**

- Барои ман махсусан муҳим буд, ки яке аз аввалин фармонҳои Президенти мамлакат тадбирҳои баланд бардоштани мавқеи занон дар ҷомеа маҳсуб мешуд. Кӯшиш кардем, ки супоришҳои Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро ҳамаҷониба амалӣ созем. Вақте ки мо, мушовирони сиёсати кадрӣ, бо роҳбарии Амиршо Миралиев моҳи декабри соли 1994 таъйин шудем, корро аз таҳлили вазъи кадрӣ ва ҳайати роҳбарикунанда оғоз кардем. Аз ҷумла, ҳиссаи занон ҳамагӣ 2 фоизро ташкил медод, гарчанде дар давраи шуравӣ занон сеяки ҳайати роҳбарикунандаи миёна буданд. Ба ҳайати мушовирон оид ба сиёсати кадрӣ Абдуҷаббор Азизов, Асрор Латифов, Маҳмадшариф Толибов, Хисрав Абдуназаров, Худойдод Алидодов низ шомил буданд. Метавонам иштирок дар таҳияи нахустин «Барномаи давлатии баланд бардоштани нақши занон дар ҷомеа», нахустин гузориши миллӣ оид ба татбиқи санадҳои байналмилалӣ дар соҳаи ҳимоя ва пешбурди ҳуқуқи занонро номбар кунам.

**- Ҳоло ба чӣ кор машғулед?**

- Нафақагир, ҳамзамон, котиби корпоративии «Тавҳидбонк» мебошам. Бояд гӯям, ки дар ин ҷо ҳам ман имкон пайдо кардам, ки дар раванди таҷдид иштирок намоям. Ман ҳамчун котиби корпоративӣ дар таҳияи ҳуҷҷатҳои бонки нав иштирок доштам. Солҳои охир ба ҳайси коршинос дар таҳияи «Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон», харитаи роҳ оид ба рушди самараноки энергия ва истифодаи манбаъҳои барқароршавандаи энергия дар бахши сайёҳии ҷамоатӣ иштирок доштам.

**- Ба чӣ ифтихори бештар доред?**

- Бо оилаам, халқам, Ватанам фахри бештар дорам. Ба наздикӣ дар ҳайати як гурӯҳ ба маҳали сохтмони НБО «Роғун» рафтам. Дигаргуниҳо дар сохтмон хеле зиёданд, миқёси сохтмон таъсирбахш ва хусусияти лоиҳа аҷоиб аст. Манзараи кӯҳҳои дигаргуншуда, оби фирӯзии обанбор, нақбҳо, толорҳои азими зеризаминӣ ҳисси ифтихори маро бештар намуданд.

**Мусоҳиб Раҳмоналӣ ҲАБИБОВ, «Садои мардум»**

# РОҲНАМОЕ, КИ МАРДУМ ҲАР СОЛ ИНТИЗОРАНД

**(Идома аз саҳ. 1)**

Ба таъкиди Роҳбари давлат, солҳои охир рушди бомароми соҳаи энергетика ба раванди саноатикунонии босуръати кишвар заминаи мусоид фароҳам оварда истодааст.

Дар замони соҳибистиқлолӣ аз ҷониби Ҳукумати мамлакат барои навсозӣ, яъне таъмиру таҷдиди низоми энергетикии кишвар, 85,7 миллиард сомонӣ равона шуд.

- Низоме, ки дар 75 соли замони гузашта муҳлати истифодаи аксари таҷҳизоти он қариб, ки ба анҷом расида буд, таҷдиду навсозӣ карда шуд. Агар мо ин корро намекардем, шояд имрӯз умуман бе барқ мемондем, - таъкид карданд Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёмашон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Дар ин давра танҳо барои навсозии неругоҳҳои барқи обии амалкунанда беш аз 11,3 миллиард сомонӣ равона гардида, Неругоҳи барқи обии «Сарбанд» пурра таҷдид ва иқтидори он 30 мегаватт зиёд карда шуд.

Инчунин, таҷдиди неругоҳҳои барқи обии «Норак» ва «Қайроққум» бомаром идома дошта, баъди ба анҷом расидани корҳо иқтидори онҳо, дар маҷмӯъ, 423 мегаватт афзоиш меёбад. Нуктаи муҳим он аст, ки неругоҳҳои зикршуда баъд аз навсозӣ ба мардуми Тоҷикистон боз даҳсолаҳои дигар хизмат хоҳанд кард.

Бо назардошти барои сайёҳӣ ҷолиб будани кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ин соҳа таваҷҷуҳи хоса доранд. Дар Паём зикр гардид, ки солҳои 2018-2023 барои рушди соҳаи сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ чор лоиҳаи сармоягузории давлатӣ ба маблағи 330 миллион сомонӣ амалӣ гардида, илова бар ин, ба субъектҳои соҳа аз ҷониби низоми бонкии кишвар зиёда аз 300 миллион сомонӣ қарзи имтиёзнок ҷудо шуд.

Дар ин давра 1450 иншооти сайёҳӣ бунёд гардида, соли 2023 шумораи сайёҳон ба як миллиону дусад ҳазор нафар расидааст.

Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид намуданд, ки имконият ҳои барои рушди соҳа истифоданашуда ҳанӯз хеле зиёданд. Аз ин рӯ, бо мақсади самаранок ба роҳ мондани корҳо дар самти сайёҳӣ ва назорати қатъии онҳо супориш доданд, ки таҳти роҳбарии муовини дахлдори Сарвазири кишвар бо шомил намудани яке аз муовинони раисони вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо гурӯҳи кории босалоҳияти доимӣ таъсис дода шавад.

Соҳаи маориф аз солҳои аввали соҳибистиқлолӣ зери таваҷҷуҳи доимии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қарор дорад. Аз ин рӯ, ҳамасола иншооти зиёди соҳа сохта ба истифода дода шуда, ҳамчунин, барои баланд бардоштани сатҳи таълиму тарбия корҳои зиёд амалӣ мешаванд. Дар Паём Роҳбари давлат оид ба корҳои анҷомдода барои рушди соҳаи мазкур зикр карданд, ки дар ин давра 200 муассисаи таълимии нав ва биноҳои иловагӣ барои беш аз 85 ҳазор хонанда ба истифода дода шуд.

Нуктаи дигари хурсандибахш дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зиёд шудани ҳаҷми маош ва нафақа дар соли 2024 мебошад. Ин иқдоми Роҳбари давлат, ки нишони ғамхориашон аст, аз ҷониби шаҳрвандони кишвар бо хушнудӣ пазироӣ шуд. Ба ҳукми анъана даромадааст, ки Президенти кишвар ҳамасола чунин иқдомҳои башардӯстонаро амалӣ менамоянд. Аз ин рӯ, мо - шаҳрвандони Тоҷикистони соҳибистиқлолро мебояд дар ҷавоб ба чунин ғамхориҳои Пешвои миллат аз ҳарвақта бештар заҳмат кашем ва барои ободии кишвари маҳбубамон саҳм гузорем. Ҳамон тавре, ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёмашон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъкид карданд: «Ман ба мардуми азизи кишвар муроҷиат карда, ҳар яки онҳоро даъват менамоям, ки биёед, табиати Тоҷикистони биҳиштосоямонро ба гулистон табдил диҳем, ободӣ ва тозагиву озодагиро аз ҳар хонаву кошона сар карда, то деҳоти дурдасттарин вусъат бахшем, тамоми қаламрави Ватанамонро хурраму сарсабз гардонем ва соҳиби фарҳангу тамаддуни бостонӣ будани худро ба ҷаҳониён собит намоем».

## Номаи бетаҳрир

# ЧАРО ДАСТУРУ ҚАРОРҲО ИҶРО НАМЕШАВАНД?

**Таи чанд моҳ аст, ки сарсону саргардонам. Барои он ки асли воқеа маълум бошад, ба таври мухтасар муҳтавои мушкилотро гуфтаниам.**

Ибтидои солҳои 90-уми қарни гузашта аз шаҳраки Палоси шаҳри Бӯстон ҳавлиеро, ки соҳибаш кӯчида рафта буд, харидам, вале ҳангоми дар сафари хизматӣ буданам ҳамсояҳоям Абдуманнон Рауфов ва Маҳкам Ҳалимов бо баҳонаи нав кардани девори мобайнӣ мутаносибан 25 ва 28,5 метри мураббаъ замини ҳавлии маро худсарона аз худ кардаанд.

Роҷеъ ба ин масъала ба мақомоти дахлдор, аз раиси шаҳри Бӯстон то Прокуратураи генералӣ, арз кардам. Хушбахтона, онҳо воқеиятро фаҳмиданд ва ба масъулон дастур доданд, ки камбудӣ ислоҳ карда шавад. Аз ҷумла, дар қарори раиси шаҳри Бӯстон таҳти №317 аз 8-уми декабри соли 2020, дастури Прокуратураи вилояти Суғд таҳти №12/60 м/с-и аз 19 феврали соли 2021 омадааст, ки дар ҳақиқат «ин ҷо қонунвайронкунӣ содир шудаасту он ба ҳолати аввала баргардонда шавад».

Тибқи дастури прокуратура, барои муайян сохтани масоҳати ҳавлиҳои ману ҳамсояҳо ширкати «Суғдзаминсоз» 21-уми августи соли 2021 санҷиш гузаронд ва аниқ кард, ки замини ҳавлии ман аз ҷониби Абдуманнон Рауфов ба масоҳати 25 $м^2$ ва аз тарафи Маҳкам Ҳалимов ба масоҳати 28,5 $м^2$ забт шудааст. Вақте ҳамсояҳо аз ин хулоса розӣ нашуданд, ширкати мазкур такроран 18-уми ноябри ҳамон сол санҷиш гузаронд ва забткунӣ аз тарафи ҳамсояҳо исботи худро ёфт. Дар ин ченак маълум гардид, ки қитъаи замине, ки Маҳкам Ҳалимов ба масоҳати 28,5 $м^2$ худсарона ишғол кардааст, берун аз шиносномаи техникӣ ва бе ҳуҷҷатҳои тасдиққунанда аст.

Дар ҳамин маврид гуфтаниам, ки вақти тафтиши комиссияи ҳукуматӣ аз чӣ бошад, ки масоҳати хонаи ман ҳар дафъа тағйир меёбад.

Ниҳоят маҷбур шудам ба Прокуратураи генералии ҷумҳурӣ муроҷиат кунам, то ки ба қарорҳои нодуруст қабулнамудаи кумитаи идораи замини шаҳри Бӯстон ва прокуратураи шаҳр эътироз оварда шавад. Хушбахтона, дар Прокуратураи генералӣ дастур доданд, ки ба банди 2 қисми 1 қарори №117-и раиси шаҳри Бӯстон аз 18-уми декабри соли 2020 эътироз оварда, барои ба ҳолати аввала баргардондани заминҳои худсарона ишғолкарда дастур дода шуд, вале, мутаассифона, дастури мазкур то ҳол иҷро намешавад.

Дар яке аз ҷавобҳояш Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Бӯстон баъд аз санҷиши навбатӣ навиштааст, ки гӯё «заминҳои ғайриқонунӣ ишғолкардаи А. Рауфов ва М. Ҳалимов аз ҳисоби заминҳои истифодаи умум аст». Ман ҳайронам, ки вақте дар поёни ҳавлии мо канали обгузар ҷойгир шудаасту аз пеши ҳавлӣ кӯчаи мошингузар, чӣ хел он «замини истифодаи умум» мешудааст?!

Дар ин маврид боз як нуктаи дигарро қайд карданиам. Дар қарори прокуратураи шаҳри Бӯстон аз 23-юми ноябри соли 2020 омадааст, ки «сохтмони аз тарафи шаҳрванд М. Ҳалимов барпокардашуда каме ба тарафи ҳавлии А.Рауфов даромадааст, ки 28,5 метри мураббаъро ташкил медиҳад».

Модоме ки мақомоти назорати иҷрои қонунҳо вайронкории шаҳрванд М. Ҳалимовро зикр кардаю эътироф намуда бошад, чаро онро мақомоти дахлдор, алалхусус Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Бӯстон ва кумитаи идораи замини ноҳия бартараф намекунанд?!

Ҳарчанд Абдуманнон Рауфов мутобиқи моддаи 141 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ҷаримабандӣ шуда, дастур дода шудааст, ки «қисми ғайриқонунӣ ишғолшуда ба масоҳати 25 $м^2$ ба ҳолати аввала баргардонда шавад», он то имрӯз ислоҳ намешавад.

Нисбат ба ҳамсояи дигар М. Ҳалимов бошад, бо вуҷуди эътироф шудани кирдорҳои ғайриқонуниаш, аз тарафи мақомоти дахлдор то ба ҳол ягон ҷавобгарӣ муқаррар нашудааст.

Номаамро ба идораи рӯзномаи «Садои мардум» ҳамчун нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, яъне мақоми олии намояндагӣ ва қонунгузори мамлакат оварда, умед дорам, ки чопи он ба ислоҳшавии қонуншиканиҳои ҷойдошта мусоидат менамояд.

**Абдусалом РАУФОВ, сокини шаҳри Бӯстони вилояти Суғд**

## Хирадро кору боре ҷуз сухан нест

**Матбуот мисли оинаест, ки одамон дар он на танҳо симо, балки ҳақиқати рӯзгорро мебинанд. Аз ин ҷост, ки хонандагон ба журналист, албатта, қаламкаши ба арзишҳои инсонӣ, миллӣ ва давлатӣ содиқу арҷгузор, итминони комил доранд. Хабару мақола, очерку лавҳа, фелетону памфлети иншокардаи журналист дар ташаккули афкори ҷомеа саҳми бориз мегузоранд. Аз ин лиҳоз, ба дӯши рӯзноманигорон бори сангини масъулият вогузор аст.**

Журналисти асил хуб медонад, ки «аз фитнаи забони сухан эҳтиёт бояд кард» ва «ғофил набояд буд, ки гардани море гирифтааст». Ба ҳеҷ ваҷҳ ҷоиз нест, ки ба сухан муносибати дуюмдараҷа кард, бо ин абзори аз теғ ҳам буррандатар бозӣ намуд, чунки дар пушти ҳар вожа ба маънои том сарнавишт қарор дорад. Рӯзноманигор бояд ҳамаро ташхис намояд ва неруи қаламро ба манфиати халқу Ватан истифода барад. Дар ин раванд касбият, садоқат ва ҷасорат бояд авлавият ва меҳвару ҷавҳар бошад.

Бо дарки масъулият мегӯям, ки бидуни маҳорату диловарӣ соҳибном шудани шонро равшану боҷуръатона баён намоянд. Андешаю назари онҳоеро, ки дину мазҳаб ва имону миллатро ба бегонагон фурӯхтаанду ҳаққи маънавии тоҷик буданро надоранд, қотеъона маҳкум кунанд.

Манфиатҳои миллӣ ва суботу оромии ҷомеа тақозо менамоянд, ки воситаҳои ахбори оммаи ватанӣ на танҳо дастгоҳи тавонои хабарӣ бошанд, балки дар муборизаи иттилоотӣ барои ҳифзи манфиатҳои миллӣ, алалхусус амнияти давлат ва ҷомеа, хизмат кунанд. Табиист, ки то чӣ андоза комёб будани журналист дар инъикоси дастоварду пешравиҳои мамлакат ба донишу касбият вобаста буда, аз садоқату самимият, эҳсоси ватандорӣ, ҷасорат, азми қавӣ ва нияти нек маншаъ мегирад.

Мавқеи интихобкардаи журналист бояд қотеъ буда, лағзиш дар афкор имконнопазир бошад. Содиқонаю бериё эҷод намояд, саъю талош ба он равона гардад, ки бо мутолиаи нигоштаҳои қаламкаш пеши назари хонанда воқеият падид ояд.

Дар шароити кунунӣ вазифаи муҳимтарин ва асосии ҳар яки мо саҳмгузор будан бахри ҳифзи истиқлолияти давлатист. Ин рисолати таърихиро аз рӯзҳои аввали давлатсозию давлатдорӣ, замоне ки аксарият арзишҳои миллию давлатиро фурӯхтанд, шаҳрвандон тавассути воситаҳои ахбори омма ва фаъолияти дастаҷамъона корҳои ташвиқотию тарғиботиро ба роҳ монда, ҷиҳати пойдории суботи сиёсӣ, таҳкими рукнҳои давлатдорӣ ва таблиғи ғояҳои миллӣ кӯшиш намоем.

Вобаста ба ин Пешвои миллат чунин фармудаанд: «Бори дигар зиёиёни кишварамонро ҳушдор медиҳам, ки фикриояндаи миллат ва Ватани маҳбубамонро ҳаргиз аз зеҳни худ дур насозанд, ғояҳои Истиқлолияти давлатӣ ва худогоҳиву худшиносии миллиро пайгиронаву боҷуръатона таблиғ намоянд». Рисолати дигари аҳли зиё посухи сазовор додан ба онҳоест, ки худро мухолифи сиёсӣ мепиндоранд.

Дар маҷмӯъ, инъикоси дастовардҳо, саҳмгузорӣ дар таҳкими сулҳу субот, ваҳдати миллӣ рисолати аҳли зиё маҳсуб шуда, дар кадом сатҳу сифат амалӣ шудани он ба садоқати ин қишри мафкурасоз марбут аст. Муҳимтар аз ҳама, садоқати мо ба арзишҳои инсонӣ, миллӣ ва давлатӣ набояд «мавсимӣ» ё марбут ба мансаб бошад. Барои инсони соҳибкасб, содиқ ва ҷасур аҳамият надорад, ки дар кадом вазифа қарор дорад, баръакс, муҳим самараи меҳнат ва нақши ӯ дар журналист комилан ғайриимкон аст. Маҳз маҳорат замина фароҳам меорад, ки омӯзиши амиқи масъала, таҳлилу муқоисаи мавзуъ ва ояндабинӣ дар мадди назари журналист бошад.

# МУҲОРИБАҲОИ ИТТИЛООТӢ

## БА ИН РАЗМГОҲ САФАРБАР ШУДАНИ ЖУРНАЛИСТОНЕ, КИ БОМАҲОРАТУ ҶАСУР НЕСТАНД, ПАЙОМАДИ НОГУВОР БА БОР МЕОРАД



Ҳастанд онҳое, ки худро «нофи журналистика» мепиндоранд, вале ягон матлаби қобили таваҷҷуҳу арзандаи ситоишашонро нахондаем. Ба «моҳи осмон айб меёбанд», аммо ду ҷумлаbooро бо ҳам «ҷанг андохта» наметавонанд. Маҳз ҳамин «бузургон» баҳонаи «ба мо вокуниш намудан иҷозат нест!»-ро «сипар» намудаанд. Хуб дарк мекунам, ки ҳама масоил бояд тибқи назокати дар умури давлатдорӣ роиҷ риоя гарданд, вале дар ягон ҳолат таҳаммул кардани амалҳои муғризонаи нотавонбинон қобили қабул нест.

Шоҳид будам, ки Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон панҷ сол қабл таъкид карданд, ки вақте нисбат ба Ҳукумату давлат носазо мегӯянд, манзур танҳо Роҳбари давлат ва аъзои Ҳукумат нест, он ҳарзаҳо ба кулли тоҷику тоҷикистониён дахл доранд ва рисолати зиёиён аст, ки ба онҳо бетаъхир вокуниш намоянд. Илова бар ин, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар яке аз мулоқотҳояшон бо зиёиён гуфта буданд, ки мо бояд мафҳумҳои «миллати тоҷик», «забони тоҷикӣ», «таърихи тоҷикон», «фарҳанги тоҷикӣ» ва «адабиёти тоҷикӣ»-ро баробари номи муқаддаси Тоҷикистон, модари хеш ва мисли ҷони худ дӯст дорем ва онҳоро бо ифтихор ба забон орем.

Дар робита ба ин, Пешвои миллат ба зиёиён ва олимони кишвар дастур доданд, ки бетараф набошанд ва назару мавқеа баояндаи неки кишвар бовар надоштанд, аз умури давлатдорӣ худро канор гирифтанд, Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон самимона, ҷасурона ва фарзандвор ба зимма гирифтанд. Ҳоло вазифаи ҷонӣ, рисолати инсонӣ ва қарзи виҷдонии мо аст, ки дар паҳлуи ин абармарди дунёи сиёсат бошем.

Таъкид менамоям, ки барои навиштан дар дилхоҳ жанри журналистика оид ба дастовардҳо ва нақши Пешвои миллат дар ин раванд ба ҳеҷ ваҷҳ ба нокифоягии далелу рақамҳо мувоҷеҳ намегардем. Ҳазорҳо далели вобаста ба ҷоннисорӣ, садоқат, самимият ва ҷасорати Роҳбари мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мавҷуд аст, ки дар сурати истифодаи як қисмати он метавон афкори дилхоҳ нафарро ба самти мусбат шакл дод. Омили асосие, ки аҳли зиё бояд ба он истинод кунанд, иродаи қавии сиёсии Пешвои миллат ва қулфкушои мушкилоти даврони давлатдории навини мо будани ин ҷанба маҳсуб мешавад.

«Зиёиён, - ҳамон тавре Пешвои миллат таъкид карданд, - бояд ба муқобили ифротгароиву хурофот ва ақидаву андешаҳое, ки кишварро ба қафо мекашанд, мубориза баранд ва сиёсати дунявияти давлатро ба дигарон шарҳ дода, ҷомеаро аз таъсири ҳар гуна фарҳангу мафкураи бегона ҳифз намоянд». Бо вокунишҳои бетаъхиру аз далелу рақамҳо ғанӣ ба нотавонбинони тоҷику тоҷикистониён, ки аз дастовардҳои мо ваҳшатзадаанд, посух бояд дод. Вазифадорем, ки ба хотири аз ҳама гуна равияҳои хурофотӣ ва бегонаву ифротӣ ҳифз намудани пешрафти мамлакат, ҳифзи манфиатҳои миллию давлатӣ аст.

Вақте журналист ба садоқату масъулият нигоҳи хос дорад, вижагиҳо ва таъсири онҳоро ба ҷомеа амиқ дарк месозад ва аз ҳамин мавқеъ ба дифои арзишҳои миллӣ ва давлатӣ бармехезад, зиндагиро дар ҷабҳаи мубориза барои расидан ба хайр ва аз байн бардоштани шарр сарф менамояд, он гоҳ ҷасораташ сутуданист.

Барои ба маъраз гузоштани ҷасорат иродаи шикастнопазир, азм ва нияти нек бояд дошт, муҳаббат ба халқу Ватан бояд дар мағз андар мағзи ҷон ҷойгузин бошад.

